**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа дар мавзуи «Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ (дар асоси маводи насри муосири тоҷик)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Муқаррар шудааст, ки дар тавлиди маъноҳои воҳидҳои забони тоҷикӣ воситаҳои гуногун иштирок мекунанд. Дар ин миён таҳқиқи мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ ҷолиб буда, муайян намудани роҳу усулҳои зоҳиршавии тобишҳои маъноии мухталиф дар мундариҷаи онҳо то ҳол ҳалли ниҳоии худро интизор аст. Яке аз чунин роҳҳои ташаккули зинавии маъноҳои забонӣ дар воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ иштироки воситаҳои тасвири бадеӣ дар шаклгирии сохтор ва мундариҷаи маъноии онҳо мебошад.

Дар ташаккули сохтор ва паҳлуи маъноии воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ саҳми воситаҳои тасвири бадеӣ (муболиға, истиора, ташбеҳ, тавсиф ва киноя) назаррас мебошад. Ба василаи онҳо дар низоми маъноии воҳидҳои фразеологӣ маъноҳои гуногунро муқаррар намудан мумкин аст, ки бештар тавассути маҷози забонӣ сурат мегиранд. Маҷози забонӣ дар ин ҳолат ҳамчун нишондиҳандаи муҳимми тавлидсозандаи маъноҳои гуногун ба тариқи воситаҳои тасвири бадеӣ маҳсуб меёбад. Маъноҳои мафҳумӣ, образнок, эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ аз зумраи он қабатҳои маъноиеанд, ки мундариҷаи маънои фразеологиро дар воҳидҳои рехта ташкил медиҳанд.

Аз ҷониби Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа дар шакли диссертатсия таҳқиқ гардидани нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ аз он ҷиҳат аҳаммияти илмӣ, назарӣ ва амалӣ дорад, ки дар он бори аввал мавқеи воситаҳои тасвири бадеӣ ҳамчун унсурҳои асосии бавуҷудоварандаи маъноҳои гуногуни мундариҷаи семантикии фразеологизмҳои забони адабии муосири тоҷикӣ ба риштаи пажуҳиш кашида шудааст.

Аз мутолиаи автореферати диссертатсия бармеояд, ки он аз муқаддима, чор боб, 57 фаслу зерфаслҳои мантиқан мураттабу пайдарҳам, нақшаву гистограммаҳо, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти илмии истифодашуда иборат аст. Нуқтаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда ва натиҷаҳои ҳосилгардида аз он шаҳодат медиҳанд, ки муҳаққиқ аз ҷараёни таҳқиқи мавзуъ огоҳии комил дорад ва онро дар доираи талаботи корҳои илмӣ ба сомон расонидааст.

Қисмати муқаддимаи диссертатсияи илмӣ мувофиқи талаботи навтарини рисолаҳои илмӣ таҳия гардида, дар он муаллиф аз мубрамии интихоби мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи он, мақсаду вазифаҳои пажуҳиш, бозёфтҳои илмӣ, метод ва методологияи таҳқиқоти илмӣ, арзишҳои амалию назарии диссертатсия, ки аз ҷиҳати масъалагузорӣ ва муаррифӣ дар доираи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидаанд, ёдовар мешавад.

Боби аввали диссертатсия «Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар танзими маъноҳои воҳиди фразеологӣ» унвонгузорӣ шуда, фарогири ҳашт фасл аст. Дар ин боб муҳаққиқ оид ба аломати забонӣ ва робитаҳои он ба маъно, маънои фразеологӣ ҳамчун як навъи маънои забонӣ, маънои мафҳумӣ дар мундариҷаи воҳидҳои воҳидҳои фразеологӣ маълумот дода, маъноҳои образнок, эҳсосотӣ ва баҳодиҳиро дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологӣ мавриди таҳлилу баррасии илмӣ қарор додааст.

Боби дуюми диссертатсия «Муболиға ва истиора дар сохтори воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ» номгузорӣ шуда, аз ҳашт фасл иборат аст ва ба баррасии масъалаҳои нақши муболиғаю истиора дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ, хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ ва истиоравӣ бахшида шудааст.

Боби сеюми диссертатсия «Ташбеҳ дар сохтори воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ» ном дошта, аз шаш фасл иборат аст. Дар он муҳаққиқ масъалаҳои марбут ба нақши ташбеҳ дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ, нишонаҳои забонии воҳидҳои

фразеологии ташбеҳӣ, ифодаҳои образҳои мардумӣ дар онҳо ва хусусиятҳои сохтории онҳоро шарҳу тавзеҳ додааст.

Боби чоруми диссертатсия «Тавсиф ва киноя дар сохтори воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ» унвон дошта, аз ҳафт фасл таркиб ёфтааст, ки дар он оид ба масъалаҳои нақши тавсиф ва киноя дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ, хусусиятҳои сохторӣ ва маънoии ин навъиибораҳои фразеологӣ маълумоти муфассал дода шудааст.

Муаллиф дар қисмати хулосаи диссертатсия натиҷаҳои аз таҳқиқоти илмӣ бадастовардаи худро дар 28 банд хеле бамаврид ва пайдарпай нишон медиҳад.

Автореферати дисссертатсияи мавриди назар аз чанд ҷиҳат ҷолиби таваҷҷуҳ буда, пеш аз ҳама, зимни таҳқиқу баррасии мавзуъ ва масъалаҳои асосӣ истиқлоли андешаи муаллиф ба мушоҳида мерасад. Монография ва мақолаҳои вобаста ба мавзуи таҳқиқ ба нашр расида, ки аксарияти онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд, мазмуну муҳтавои кори диссертатсиониро ба пуррагӣ инъикос намудаанд.

Бандубаст ва муҳтавои автореферати кори диссертатсионӣ ба талаботи фаннию сохтории рисолаҳои илмӣ ҷавобгӯ аст. Автореферат бо забони хуби илмӣ навишта шудааст, вале ҳангоми мутолиаи он баъзе нуқсонҳо ба мушоҳида расиданд, ки ислоҳи онҳо муфид хоҳад буд:

1. Дар автореферат баъзан мисолҳои тасдиқшаванда бе шоҳид оварда шудаанд, ки чунин муносибат имкон намедиҳад, то нақши ин ё он воситаи тасвири бадеӣ дар ташаккули воҳиди фразеологӣ ба пуррагӣ муқаррар карда шавад.

2. Дар гунаи русии автореферат як қатор ғалатҳои имлоиву китобат (с. 3, 4, 6, 7, 8) ҷой доранд.

Эродҳои зикршуда, асосан, ҷузъӣ ва ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқотиро боз ҳам бештар мегардонад.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа дар мавзуи «Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ (дар асоси маводи насри муосири тоҷик)» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.


Доктори илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи забони муосири русии
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон Султонова Р.М.

Имзои Султанова Рафоҳат Мирзоевнаро тасдиқ мекунам:
Сардори Шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи
славянии Россия ва Тоҷикистон Раҳимова А.А.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30.
Тел.: (+992) 806 66 66 68, (+992 37) 221 35 50
e-mail: rafoat10@mail.ru, rtsu-1996@mail.ru


«20» январи соли 2024